**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2025. – 44 саҳ.).**

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар мамлакат, зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи нави инкишофи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба миён омад. Дар ҳамин ҷараён, қисми сеюми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 аз ҷониби мақоми олии қонунгузори мамлакат қабул гардид. Ҳамчунон, қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 3 (се) қисм, аз 24 декабри соли 2022, ки он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дорад, гуфтан метавонем, ки фаҳмиши нави сивилистиро ҳам дар мазмуни мадуд ва ҳам ба мазмуни васеъ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ба вуҷуд овард.

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои асосии ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар фарқият аз санадҳои қаблӣ дар он аст, ки фарогири як қатор институтҳои алоҳидаи моҳияти инсондӯстонаи низоми ҳуқуқро дар шинохти муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад. Яке аз чунин институтҳои қонунгузории маданӣ – ин ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравад, ки заминаи асосии онро сиёсати инсонпарваронаи

хориҷии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар фазои илми ҳуқуқшиносии кишвар яке аз падидаҳои муҳиме, ки атрофи он ғояҳои гуногуни илмӣ рӯйи кор омадааст, ин соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, дар низоми илми сивилистӣ низ роҷеъ ба мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва сатҳи баланди илмии он дар муносибатҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва мурофиавӣ андешаи ягонаи илмӣ ё таҳқиқоти бунёдии институтсионалӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ то ба ҳол рӯи кор наомадааст, ҳолати мазкур ишора ба он мекунад, ки мавзуи таҳқиқгардида бисёр муҳим ва саривақтӣ баҳогузори мешавад.

Аз мазмуни автореферати мазкур бар меояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуқтаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илмӣ ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва рушди қонунгузории соҳа пешкаш намудааст. Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, балки дар амалия низ мумкин аст, ба таври васеъ истифода гардад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 2 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳои ватанӣ ба нашр расонидааст. Диссертант дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ истифода намуд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси сарчашмаҳои нодири

таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумл;

1. Дар саҳифаҳои 35 ва 36-и зербоби сеюми боби дуюми автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инъикоси худро ёфтааст. Ба андешаи мо хуб мебуд, ки батариқи васеъ ва мушаххастар ба мазмуну моҳияти зербоби мазкур маълумоти бештар пешкаш мегардид, аз манфиат холӣ набуд.

Аз матни автореферат маълум мегардад, ки муаллиф ба масъалаи илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар зербоби дар боло зикргардида муаллиф ба матни автореферат кам таваҷҷуҳ кардааст.

Бояд зикр кард, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Такриздиҳанда:**

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода У.

Имзои Бобозода У.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи умумӣ ва хизмати давлатии
Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарова М.Ю.

«09» 04 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
734000, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 10,
Телефон: (+992 37) 221-79-89,
Факс: (+992 37) 221-79-69,
info@ombusman.tj